MAKTABGACHA VA MAKTAB TA'LIMI VAZIRLIGI

PEDAGOGIK MAHORAT VA XALQARO BAHOLASH ILMIY-AMALIY MARKAZI

Respublika Ta'lim Markazi

## ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАННИ

# Забон ва адабиёти тоҷик

**БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ XI ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023–2024 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ**



**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ВА МАКТАБИИ**
**МАРКАЗИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ ВА ИЛМИЮ**
**АМАЛИИ БАҲОГУЗОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

## ТАВСИЯИ МЕТОДӢ ВА МАВОДҲО БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ АТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ ФАНҲОИ

# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

## БАРОИ СИНФИ XI ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2023 - 2024 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ



**Мураттиб:** Мастура Нарзиева - методисти забон ва адабиёти тоҷики вилояти Самарқанд.

**Эксперт:** Дилафрӯз Кудратова - омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 47-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд.

## СПЕТСИФИКАТСИЯИ МАВЗӮЪҲОИ ИНШОИ ИМТИҲОНИ ДАВЛАТӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ИМТИҲОНИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

Мақсади спетсификатсияи иншои зерин барои муайян кардани сохтори мавзӯъҳои иншо ва талаботҳои ба он гузошташуда, ки барои муайян намудани сатҳи дониши донишомӯзони синфҳои хатмкунанда аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт иборат мебошад. Ба ин ҳуҷҷати мазкур дар натиҷаи тасдиқу коркардҳо бояд иловаҳо, тағйирот ва ислоҳҳо ворид кардан мумкин аст.

Донишомӯзоне, ки синфи 11-ро хатм мекунанд аз фанни забон ва адабиёти тоҷик тибқи барномаи таълимӣ ба салоҳиятҳои дараҷаи муайян доро мешаванд.

Барои муайян кардани дониш, малака ва маҳорати азхудкардаи донишомӯзон дар соли хониши 2023-2024 дар синфҳои 11 имтиҳоноти ҷамъбастӣ дар шакли хаттӣ гузаронида мешавад.

Савол ва супоришоти ҳар як саволномаи имтиҳони ҷамъбастӣ бевосита мавзӯъҳои китоби дарсии забон ва адабиёти тоҷики синфҳои 5-11-уми мактабҳои таълими миёнаи умумиро дар бар мегирад. Инчунин, дар тавсияи зерин меъёрҳои баҳогузорӣ барои донистани саволҳо, супоришоти истифодабарӣ (корбаст намудан) ва мулоҳиза (мушоҳидабаёнӣ) низ оварда шудааст.

Ҷиҳатҳои дигари аҳамиятноки ворид намудани мавзӯъҳои иншо аз он иборат аст, ки донишу саводомӯзии азбаркардаи донишомӯзон аз фанни забони тоҷикӣ ва адабиёт боз ҳам мустаҳкамтар гардида, маҳорати эҷодкорӣ ва қобилияти истифодаи луғави онҳо меафзояд, ба таҷрибаи баёни мантиқӣ ва системанок доро гардида, дар ин самт фикрҳои худро мустақилона баён карда тавонистанро меомӯзанд.

Иншо барои синфи 11 дар се вариант тартиб дода шуда, дар ҳар як вариант сетогӣ мавзӯи иншо оварда шудааст. Аз ин, дуто мавзӯи дар вариант буда аз фанни адабиёт дар асоси мавзӯъҳои дар Стандарти давлатии таълим ва барномаи таълим муқарраршуда ва яктои он бошад, дар мавзӯи озод тайёр карда шудааст.

Дар робита ба аттестатсияи ҷамъбастӣ дар байни донишомӯзони синфи 11-ум, ки дар муассисаҳои таълими миёнаи умумии Ҷумҳурӣ баргузор мегардад, барои супоридани имтиҳон, мавзӯъҳои зерини иншо тавсия карда мешаванд.

Мақсад аз интихоб намудани иншо дар имтиҳон ба донишомӯзон барои ташаккул додани малакаҳои мушоҳидаи мантиқӣ-эҷодӣ (креативӣ), омӯзонидани тафаккури мустақилона ва эҷодӣ, ташаккули саводхонии имлоӣ-

услубӣ ва инкишоф додани малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ иборат мебошад.

Барои навиштани иншо, санҷидани он, ислоҳи хатоҳои он ва ворид намудани иловаҳои он ба донишомӯзон 3 соати академикӣ вақт дода мешавад.

Корҳои хаттии донишомӯзон барои ҳар як фанни забони тоҷикӣ дар асоси низоми алоҳидаи 100-балӣ, ба мисли:

0 - 29% - "ғайриқаноатбахш";
30-65% - «қаноатбахш»;
66-85% - "хуб";
86-100% - "аъло"

баҳогузорӣ карда мешавад. Барои ҳар як супориш аз балҳои муқарраршуда бали баланд гузошта намешавад.

| **Мақсадҳои таълимӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёт барои хатмкунандагони синфи 11** | |
|---|---|
| **Меъёрҳои азбаршаванда доир ба грамматика** | донистани имконоти меъёрҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик; |
| | пайгирона сарфаҳм рафтан ва фарқ карда тавонистани ҷиҳатҳои ба худ хоси услубҳои нутқ; |
| | аз ӯҳдаи корбаст намудани зарфҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ баромадан; |
| | интихоб ва корбаст намудани калимаҳои ҳаммаъно (муродифот) дар нутқ; |
| | бомаврид кор фармудани калима, ибора, ҷумла ҳангоми мубодилаи афкор; |
| | аз таркиби ҷумла ва матн муайян карда тавонистани ҳиссаҳои мустақил ва ёвари нутқ;<br>баён намудани фикр бо интихоби ҷумлаҳои соддаву мураккаб ва хелҳои он, бо ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ ва инчунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ тартиб додани матн; |
| | корбасти бомавриди аломатҳои китобатӣ дар нутқ, интихоб сарлавҳа ва тавассути он тартиб дода тавонистани матни яклухти мантиқан ва мазмунан пайваст. |
| **Адабиёт** | фарқ карда тавонистани жанрҳои адабии классикӣ аз жанрҳои адабии муосир |
| | аз рӯи ҳар як мавзӯъҳои додашуда ба шакли хаттӣ мустақилона фикр баён карда тавонанд |
| | таассуроти аз асари хондашуда гирифтаашонро равшан баён карда тавонанд |

| | |
|---|---|
| | дар бораи эҳсосот ва таҷрибаи эмотсионалии одамони дигар фикр баён карда тавонанд |
| | дар мавзӯъҳои гуногун иншо навишта тавонанд |
| | ба хислатҳое, ки ба табиати адибони омӯхташуда хос аст, баҳо дода тавонанд |
| | ба рафтор ва ҳаракатҳои қаҳрамонҳои адабӣ муносибат баён кардан ва онро асоснок карда тавонанд |
| | хислатҳои қаҳрамонҳои адабии завқи баланд ва камолоти фикрӣ доштаро ошкор карда тавонанд |
| | ҷаззобияти бадеии дар замири мусиқӣ ё ранг тасвир бударо эҳсос намуда ва онро бо сухан ифода карда тавонанд |
| | хусусиятҳои рамзҳои бадеии дар асарҳои омӯхташуда тасвиршударо дарк карда, ба онҳо муносибат баён карда тавонанд |
| | дар бораи фазилатҳои хислатҳои қаҳрамонҳои адабии дар асарҳои омӯхташуда хос буда, фикри мустақилона баён карда тавонанд |
| | хусусиятҳои миллии табиати рамзҳои осори бадеии омӯхташударо дарк карда тавонанд |
| | ба давраҳои адабию таърихӣ ва эҷодиёти адибон баҳои дуруст дода тавонанд |

| **Меъёри баҳогузорӣ ба иншо** | | **1-2-то** | **3-4 -то** | **5-6-то** | **7-8-то** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Хатоҳои имлоӣ** | **15 балл** | 13-14 балл | 11-12 балл | 9-10 балл | 8-7 балл |
| **Хатоҳои услубӣ** | **15 балл** | 13-14 балл | 11-12 балл | 9-10 балл | 8-7 балл |
| **Аломатҳои китобат** | **10 балл** | 9-10 балл | 7-8 балл | 5-6 балл | 3-2 балл |
| **Мавзӯъро дар асоси далелҳо (порча аз асар) ифода карда бошад** | **20 балл** | | | | |
| Дар матни иншо 2-то ва аз он зиёд мақол ва зарбулмасали халқӣ, панду ҳикмат (афоризм)-ҳо, порчаҳои шеърӣ | 15-20 балл | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ба мазмуни матн мувофиқ оварда шуда бошад, шарҳу эзоҳ додашуда бошад, эпиграф (шарҳи ҳоли адиб) истифода шуда бошад, нақшаи тартиб додашуда ба мавзӯъ пурра мувофиқ бошад | | | | | |
| Аз мақол ва зарбулмасалҳои халқӣ, афоризмҳо, порчаҳои шеърӣ истифода бурда, лекин пурра шарҳу эзоҳ надода шуда бошад | 9-14 балл | | | | |
| Фақат аз мақол ва зарбулмасал истифода бурда, шарҳу эзоҳ дода шуда бошад | 4-8 балл | | | | |
| **Аз бадеият (маҳорати сухангустарӣ, порчаҳои шеърӣ, мақолҳо, афforизм)-ҳо истифода шуда бошад** | **20 балл** | | | | |
| Ибораҳо, сифатҳо, калимаҳои синонимӣ, антонимиро бомаврид истифода бурда бошад | 15-20 балл | | | | |
| Калимаҳои синонимиро дуруст истифода бурда бошад | 9-14 балл | | | | |
| Фикрҳо беранг, ба сифати маълумот оварда шуда бошад | 4-8 балл | | | | |
| **Ҳусни хат** | **6 балл** | | | | |
| Ҳусни хат аниқ, равон ва фаҳмо бошад | 5-6 балл | | | | |
| Ҳусни хат каме ноаниқ, ҳарфҳо каҷ бошад, равон хондани он каме мушкил бошад | 1-4 балл | | | | |
| **Хусусияти мустақилона баён карда тавонистани фикр бамаврид бошад** | **10 балл** | | | | |
| Ҳар як маълумот шарҳ додашуда, хулоса, ба таври муқоиса таҳлил кардашуда, муносибати худро ифода карда бошад | 7-10 балл | | | | |
| Маълумотҳо дар асоси китоби дарсӣ ифода кардашуда, ҷаҳонбинии худи донишомӯз ифода накарда шуда бошад | 4-6 балл | | | | |
| Ҳолатҳои боқимонда | 1-3 балл | | | | |
| **Покизагӣ (ранг накарда навиштан)** | **4 балл** | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ: | 100 балл | | | | |

## МАВЗӮЪҲО БАРОИ ИНШО:

1. Таассуроти ман аз шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳон.
2. Панду ахлоқ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва аҳамияти он.
3. Инъикоси хислатҳои ватандӯстӣ дар эҷодиёти адибони мумтоз ва муосири тоҷик.
4. Ӯзбекистон дар соли 2050.
5. Аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқии “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ.
6. Таҳлили образҳои асосии достони “Комде ва Мадан”-и Мирзо Абдулқодири Бедил.
7. Образи модар дар ашъори Лоиқ Шералӣ.
8. Нақши падару модар дар ҳаёти инсон.
9. Вазифаи ман дар зиндагӣ.
10. Ҷавонони ояндаи Ӯзбекистони нав.
11. Сулҳ – пойдор аст.
12. Касби ман - ифтихори ман.